**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

---

аз «29» июни соли 2021 № 230/ди. ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Пирназаров Шоназар Махтовович дар мавзӯи «Повышение конкурентоспособности производства продукции сельского хозяйства (на материалах Республики Таджикистан)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ), бинобар риоя нагардидани талаботи банди 46 Низомнома намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Пирназаров Шоназар Махтовович рад карда шавад.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Пирназаров Шоназар Махтовович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар мухлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, №6.

Раис Розиқзода А.